***УДК: 94 (100)***
***DOI 10.24412/2413-2004-2023-3-18-25***

## ***ШАРҚШИНОСИ РУС АЛЕКСАНДР ЛЮДВИГОВИЧ КУН ВА ШИНОХТИ Ӯ АЗ ФАРҲАНГИ ЯҒНОБ ВА СОКИНОНИ ОН***

***Одинаев Абдумавлон Назирович**, ходими хурди илмии шуъбаи таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ; **Одинаев Абдуманон Иброхимович**, н.и.ф., дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» (Душанбе, Таджикистан)*

## ***РУССКИЙ ВОСТОКОВЕД АЛЕКСАНДР ЛЮДВИГОВИЧ КУН И ЕГО СВЕДЕНИЯ О ЯГНОБСКОЙ КУЛЬТУРЕ И ЕЕ НОСИТЕЛЯХ***

***Одинаев Абдумавлон Назирович**, мл. научный сотрудник отдела древней, средневековой и новой истории Института истории, археологии и этнографии им. А. Дониша НАНТ; **Одинаев Абдуманон Иброхимович**, канд. филол. наук, доцент общеуниверситетской кафедры таджикского языка ГОУ «ХГУ имени академика Б. Гафурова» (Душанбе, Таджикистан)*

## ***RUSSIAN ORIENTALIST ALEXANDER LUDWIGOVICH KUHN AND HIS INSIGHTS INTO YAGNOB CULTURE AND ITS INHABITANTS***

***Odinaev Abdumavlon Nazirovich,** Junior Researcher of the Department of Ancient, Medieval and Modern History of the Institute of History, Archeology and Ethnology. A. Donisha, NAST; **Odinaev Abdumanon Ibrokhimovich**, candidate of philological sciences, associate professor of the general university department of the Tajik language of the State educational institution «KhSU named after acad. B. Gafurov» (Dushanbe, Tajikistan) **e-mail:** abdumavlon1987@gmail.com*

*Таҳқиқоти шарқшиноси рус Александр Людвигович Кун ва саҳми ӯ дар омӯзиши фарҳанги водии Яғноб ва сокинони он баррасӣ шудааст. Мақсади таҳқиқ таҳлилу тафсири маълумоте мебошад, ки А.Л.Кун дар бораи ҷомеаи Яғноб бо назардошти шароити таърихӣ ва фарҳангии онҳо навиштааст. Шарҳи мавзуи таҳқиқ, равиши методологии А.Л. Кун дар омӯзиши гурӯҳҳои этникӣ сурат гирифтааст, инчунин маълумоти мушаххас дар бораи яғнобиҳо низомбандӣ ва таҳлил шудааст. Муайян намудани паҳлӯҳои нави фарҳангу зиндагии ҷомеаи бекигарии Яғноб дар асоси маводи нашрнамудаи А.Л. Кун як ҷанбаи муҳимми мақола мебошад. Зикр шудааст, ки таҳқиқоти ин шарқшинос барои муҳаққиқони имрӯза сарчашмаи муҳимми илмӣ буда, ба дарки амиқтари гуногунии анъанаҳои фарҳангии болооби Зарафшон мусоидат мекунад. Ба шарофати заҳматҳои ӯ шинохти ҷаҳониён дар бораи яғнобиён ва фарҳанги онҳо ғанитар шуда ва ин яке аз дастовардҳои муҳими таърихӣ боқӣ мемонад. Маълумоти мазкур барои муҳаққиқоне, ки мероси фарҳангии мухталифҷабҳа ва рангоранги минтақаи Яғнобро мавриди таҳқиқ қарор медиҳанд, инчунин барои онҳое, ки ба таърихи рушди илми шарқшиносӣ дар Русияи подшоҳӣ машғул мебошанд, ҳамчун сарчашмаи муҳимми илмӣ хизмат мекунад.*

***Калидвожаҳо:** илми шарқшиносӣ дар Русия, Александр Людвигович Кун, ягнобиҳо, водии Яғноб,этнография, фарҳанги минтақаи Яғноб, болооби Зарафшон*

*Рассмотрено исследование русского востоковеда Александра Людвиговича Куна и его вклад в изучение ягнобской культуры и ее носителей. Цель данной работы заключается в анализе и интерпретации сведений, представленных А.Л. Куном о ягнобской общности, с учетом их исторического и культурного контекста. Осуществлён обзор предмета*

*исследования, раскрыт методологический подход А.Л. Куна к изучению этнических групп, а также произведены систематизация и анализ конкретных данных о жителях Ягноба. Важным аспектом статьи является выявление новых аспектов культуры жителей Ягнобского бекства на основе не известных ранее этнографических материалов, представленных А.Л. Куном. Отмечается, что исследования русского востоковеда являются ценным научным источником для современных ученых и помогают более глубоко понять разнообразие культурных традиций верховьев Зеравшана. Благодаря его трудам расширилось представление мировой общественности о ягнобцах и их культуре, что представляется важным историческим достижением. Данный материал представляет собой существенный ресурс для исследователей, намеревающихся раскрыть многогранность культурного наследия долинного Ягноба. Кроме того, материал может представлять интерес для лиц, изучающих историю развития востоковедения в Россиской империи.*

***Ключевые слова:*** *востоковедческая наука в России, Александр Людвигович Кун, ягнобцы, Ягнобская долина, культура Ягнобского региона, этнографические материалы, верховья Зеравшана*

*The article reviews the research of the Russian orientalist Alexander Ludvigovich Kuhn and his contribution to the study of Yaghnobi culture and its bearers. The purpose of this work is to analyze and interpret the information presented by A.L. Kuhn about Yaghnobi community, taking into account their historical and cultural context. A review of the subject of the study was carried out, the methodological approach of A. L. Kuhn to the study of ethnic groups was revealed, and specific data on the inhabitants of Yagnob were systematized and analyzed. An important aspect of the article is the identification of new aspects of the culture of inhabitants of Yagnob Bekstvo (municipality) based on previously unknown ethnographic materials presented by A.L. Kuhn. It is noted that the research of the Russian orientalist is a valuable scientific source for modern scientists and helps to more deeply understand the diversity of cultural traditions of the upper reaches of Zeravshan. Thanks to his works, the world's understanding of Yaghnobi people and their culture has expanded, which seems to be an important historical achievement. This material represents a significant resource for researchers intending to reveal the diversity of cultural heritage of the Yagnob valley. In addition, the material may be of interest to those studying the history of the development of Oriental studies in the Russian Empire.*

***Keywords:*** *oriental science in Russia, Alexander Ludvigovich Kuhn, Yagnob people, Yaghnob valley, the culture of Yaghnob region, ethnographical materials, upper reaches of the Zeravshan*

Муаррих, бостоншинос, коллексионер, забоншинос, мардумшиносии нимаи дувуми садаи XIX, муҳаққиқ ва шарқшиноси рус Александр Людвигович Кун (1840-1888)[1] бо таҳқиқот ва ҷамъоварии ашёи қадима, аз ҷумла дастхатҳо ва дигар амволи атиқа дар Осиёи Миёна машғул гардида, дар таҳқиқи илмии ин минтақа нақши муҳимме гузоштааст[муф. ниг.: 6, с.105-119].

Ӯ яке аввалин шарқшиносони рус буд, ки соли 1867 ба маъмурияти генерал-губернатор К.П. фон Кауфман дар Осиёи Миёна пайваст. Дар давраи фаъолияти худ А.Л. Кун дастхатҳоеро, ки бо забонҳои форсӣ, туркӣ ва арабӣ таълиф гардидаанд, ҷамъоварӣ ва ба китобхонаву бойгонии ҳукумати подшоҳии Русия ирсол намудааст [2, с.151; 9, с.78]. Ҳамчунин ӯ бо аз худ намудани *забони яғнобӣ* аз зумраи пешсафони замони худ гашт.

Ходими ҳарбӣ ва рӯзноманигор Маев Н. А. (1835-1896) ҳаёт ва фаъолияти А.Л. Кунро тавсиф намуда, рӯйдодҳои муҳимми фаъолияти ӯро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Муаллиф менависад, ки ӯ чӣ гуна китобҳо ва дастхатҳои арзишманди мусулмониро

ҷамъоварӣ карда, як коллексияи муҳиммеро ба вуҷуд оварда, онро ба Китобхонаи марказии Императорӣ додааст. Дар мақолаи мазкур Маев Н. А. дар бораи фаъолият ва саҳми бисёрҷанбаи Александр Людвигович Кун дар омӯзиши фарҳанг, таърих ва осори динии Осиёи Миёна дар давраи хидматаш дар ин минтақа, маълумоти арзишманде медиҳад. Аҳаммияти фаъолияти таҳқиқотии ӯ, нақш дар рӯйдодҳои таърихӣ ва таъсир ба мероси фарҳангиро дар бар мегирад [5, с. 182-183].

А. Л. Кун пас аз сипарӣ шудани ёздаҳ сол аз эъзоми экспедитсия дар соли 1881 таҳқиқоти худро таҳти унвони «Маълумот дар бораи мардуми Яғноб (ба маводи омӯзиши забони яғнобӣ)» дар шумораҳои №№3-4-и рӯзномаи «Туркестанские ведомости» нашр менамояд. Ин таҳқиқот минбаъд аз тарафи муҳаққиқон, ба хусус забоншиносон ва пажӯҳишгарон, барои омӯхтани ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти мардумони болооби Зарафшон, аз ҷумла водии Яғноб ҳамчун манбаи дасти аввал мавриди омӯзиш ва мутолиа қарор мегирад [8, с.8].

Муаллиф дар ин пажӯҳиши худ мақсади асосиро дар омӯзиши тарзи зиндагонии яғнобиён ва забони онҳо, ҷараёни ҷустуҷӯ, аз ҷумла вохӯриҳо бо сокинони маҳаллӣ ва хатсайрҳои сафар муфассал баён мекунад.

Дар муқаддимаи он А. Л. Кун ба мисли матолиби дигари аъзои экспедитсия, ки дар матбуоти он замона нашр шудаанд, маълумоти умумӣ дода, таваҷҷуҳи асосии худро ба зиндагии тоҷикони кӯҳистон равона месозад ва қайд мекунад: «Дар ҳамаи ин мавзеъҳо (яъне Фалғар, Фон ва Яғноб. – О. А., О.А.) тоҷикони кӯҳистон зиндагӣ мекунанд, ки онҳоро сокинони вилояти Туркистон «ғалча» меномиданд; ба истиснои болооби Яғноб, ки дар қад-қади он шумораи ками одамоне умр ба сар мебаранд, ки бо забони махсусе гуфтугӯ мекунанд» [4, с.12].

«Ғалча» номидани мардуми ин дараро А. Мустаҷир низ дар асари худ қайд мекунад: «Баъдуҳу аз он қишлоқ (яъне Марғеб. – О. А., О. А.) баромада, ҳамроҳи Искандартӯра (А.Л. Кун. – О. А., О. А.) ҷониби Яғноб равона шудем… Аз ҷиҳати кӯҳистонӣ будани он мардум «ғалча» мегуфтаанд» [1, с. 143, с.92].

Илова бар ин, А.Л. Кун менависад: «21 июл, субҳи барвақт мо роҳи дараи Яғнобро пеш гирифтем. Дар деҳаи нахустини Марзич дар посух ба суолҳо дар бораи забони яғнобӣ ба ман хабар доданд, ки мулкҳои Яғноб аз маҳаллаи баъдӣ, ки Хишортоб ном дорад, оғоз мешавад ва дар он ҷо метавонам ба яғнобиёни асил, баъд тоҷиконе, ки бо забони онҳо ҳарф мезананд, вохӯрам» [4, с.11].

Илова бар ин, А. Л. Кун сафари худро ба ин минтақа ва ҷустуҷӯву пажӯҳиши масоили марбут ба яғнобиёну одамоне, ки ба забони яғнобӣ сухан меронанд, тасвир намудааст. Ӯ саёҳати худро аз деҳаи Марзич оғоз намуда, ба болои дараи мазкур ҳаракат менамояд ва дар деҳаи Хишортоб таваққуф карда, кӯшиш мекунад, ки дар бораи яғнобиён маълумот пайдо созад. Аммо дар деҳаи мазкур муаллиф маълумоти муфиде ба даст оварда намеоварад ва ба қароре меояд, ки роҳи худ идома диҳад. Ӯ душвориҳои убури пайраҳаҳои хатарноки кӯҳистон ва суботкориашро дар ҷустуҷӯи маълумот дар бораи яғнобиён тасвир мекунад [4, с.11].

Ба ӯ муяссар мешавад, ки дар Хишортоб бо гурӯҳе аз одамон вохӯрад ва аз суҳбат ба онҳо барояш маълум мегардад, ки яғнобиёни асил баъд аз ин деҳа, яъне Хишортоб зинадагӣ мекунанд. Сафарашро идома медиҳад ва ба деҳаи Варсовут рафта, дар он ҷо низ дар бораи яғнобиён ҳеҷ маълумоте дастрас намекунад ва дар ҳолати яъсу ноумедӣ барои баргаштан ба бошишгоҳи дастаи ҳарбӣ омодагӣ мебинад. Вақте тасмими баргаштан мегирифт, тасодуфан бо пиразане вомехӯрад, ки ба ӯ роҳи деҳаи Марғтумайнро нишон медиҳад.

Билохира, «тасодуфан берун аз деҳа, – менависад ӯ, -бо пиразане вохӯрдам. Ба ҳама саволҳо дар бораи яғнобиҳо, як чизро ҷавоб дод: «Бештар равед, он ҷо, дар паси ин сар,

деҳаи Яғноб – Марғтумайн ҳаст». Роҳе, ки пиразан нишон дод, наздик ба назар мерасид, ки аз «як навъи эътиқод ба расидан ба ҳадаф, сарфи назар аз он, ки аллакай дер шуда буд ва ба хастагии аспҳо нигоҳ накарда, мо тасмим гирифтем, ки сафари худро идома диҳем» [4, с.11].

Тавре ки муаллиф дар таҳқиқоти худ таъкид мекунад, барои пайдо намудани яғнобиҳо хеле роҳу пайроҳаҳои хатарнокеро убур намуда, баҳри расидан ба манзили мақсад муттасил кӯшиш ба харҷ додааст.

Ин маталиб ба маълумоти дар «Рӯзнома»-и А.Мустаҷир овардашуда хеле шабоҳат дошта, фарқияти онҳо, танҳо дар баёни калимот ва саҳеҳияти маълумот дида мешавад, ки ин авомили ба дониши муаллифон бастагӣ дорад. А. Л. Кун ҳамчун шахси таҳсилдида матолибро санҷидаву басе диқиққоронатар аз А. Мустаҷир инъикос менамояд [муф. ниг.: 4, с. 29, 152].

Ин шарқшинос аҳолии бекигарии Яғнобро дар ҷадвал нишон дода, деҳаи Марғтумайнро 160 хонавода меҳисобад, мирзои ӯ бошад, хонаводаи ин деҳаро 10 адад ба шумор меоварад, ки албатта фарқияти калоне байни онҳо дида мешавад [4, с.8; 1, с. 147].

Ба ин монанд, А.Л.Кун дар мавриди таърихи муҳоҷират ва ҳифзи забони яғнобӣ ривоятеро аз забони мардум нақл менамояд, ки тибқи он гӯё сокинони ин мавзеъ панҷсад сол пеш аз соли 1870 аз Кашмир ба ин ҷо муҳоҷир шудаанд.

«Бар асоси нақли яғнобиён, – менависад ӯ, -онон худро аз аҳолии Кашмир медонанд, ки ҳудуди понсад сол, пеш дар асари таҳаввулоти сиёсӣ дар Ҳинд ба ин ҷо ҳиҷрат намудаанд. Ду бародар: Халифа Вафо ва Халифа Сафо, шогирдони Буалӣ Синои Кашмирӣ маҷбур шуданд, ба Кӯҳистон паноҳ бибаранд. Деҳа ба деҳа саргардон шуда, дар кӯҳҳо паноҳ ҷӯянд. Деҳа ба деҳа овора шуда, зери ниқоби табиб (дуохон) нохост ба Яғноб рафтанд. Ин ҷо барои онҳо беҳтар буд ва барои сохтани хонаҳои доимӣ дар ин ҷо мутаваттин шуданд. Ба фолбинӣ иштиғол варзидани ин ду бародар боис гардид, ки лақаби «дуохон» барои тамоми насли ояндаи гузошта шавад.

Яғнобиён аз ҳар тараф дар иҳотаи тоҷикони кӯҳистонӣ дин, расму ойин ва урфу одати ҳамсоягони худро пазируфта, забони модари худро ҳифз кардаанд» [4, с.11].

Ривояти фавқуззикрро ба муаллифи «Рӯзнома» низ мӯйсафедони ин минтақа, бо каме дигаргунӣ нақл кардаанд. Аммо он ривояти мардумӣ буда, асоси илмӣ-воқеӣ надорад [1, с.152].

Қайд кардан лозим аст, ки муаллиф дар мақолаи мазкур доир ба тақсимоти ҳудудӣ-маъмурии водии Яғноб маълумот дода, аҳолии ҳар як садаро ба таври муфассал тавсиф менамояд: Садаи Боло, Миёна ва Поён. Шумора ва тақсимоти ҷойҳои истиқоматӣ дақиқ нишон дода шудааст. Дар матолиби мазкур хусусияти зиндагии онҳо низ ба назар гирифта шудааст: зиндагии муқимӣ дар кӯҳистон, зироаткорӣ ва чорводорӣ.

Дар бораи вижагиҳои истифода ва моликияти замин («лалмӣ» ва «обӣ») аз ҷониби яғнобиён, сокинони ин манотиқи кӯҳистонӣ сухан ронда, камбуд ва набудани замини ҳосилхезро таъкид мекунад ва тазаккур медиҳад, ки ин омил онҳоро водор менамояд, ки аз ҳар қитъаи барои кишт мувофиқ самаранок истифода баранд [4, с.8].

Дар асоси пажӯҳише, ки ин шарқшинос доир ба замин ва истифодаву масоили марбут ба он анҷом додааст, метавон чунин натиҷа гирифт, ки моликияти замин дар байни яғнобиҳо як низоми мураккабест, ки ба маросӣ ва таърихи ҳуҷҷатгузории заминсозӣ асос ёфтааст. Баҳсҳои марбут ба моликияти замин бо истинод ба шаҳодати сокинони деҳаҳои он ҳал карда мешаванд, ки аҳаммияти афкори ҷамъиятиро дар ин масъала таъкид мекунад.

А. Л. Кун ба низоми андозбандӣ дар бекигарии Яғноб таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд ва аз маълумоти овардаи ӯ метавон фаҳмид, ки аз тамоми яғнобиён андоз ситонида мешавад, ки миқдори он ба дороии аҳолӣ вобастааст. Чунин ба назар мерасад, ки андозро худи онҳо ба замин тақсим карда, ба ҳокими он пешниҳод мекунанд. Дар бораи

дигар навъҳои даромади ҳокимон, аз қабили «закот», пардохти никоҳона ва тақсими мерос низ маълумот зикр шудааст [4].

Тағйирпазирии низоми андози замин баёнгари таъсири давраҳои гуногуни таърихӣ ва низомҳои сиёсӣ ба тарзи зиндагӣ ва хоҷагии яғнобиён мебошад. Андозбандӣ ҳам дар шакли пули нақд ва ҳам дар шакли натуравӣ, масалан ғаллаву нон буд ва дар се садаи Яғноб ба ҳисоби миёна 3000 танга гирифта мешуд [4, с.8].

Ҳамин тариқ, низоми ҳуқуқи моликият ба замин дар байни яғнобиён ба таъйини қитъаҳои замин, усули меросӣ ва ташкили ҷамъият асос ёфтааст. Ҳалли баҳсҳои замин тавассути шаҳодатномаи ҳамсоягӣ ва ҳуҷҷатгузории таърихи қитъаҳои замин субот ва адолатро дар низом таъмин менамояда. Ин низом, инчунин мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбии иҷтимоӣ ва сиёсиро нишон медиҳад, ки ба шаклҳои андозбандӣ ва уҳдадориҳои иҷтимоӣ таъсир мерасонанд.

А. Л. Кун дар мавриди муносибатҳои заминдорӣ таваққуф намуда, заминҳоро ба ду даста – милки «ҳурри зархарид» ва заминҳои «вақфӣ» тасниф менамояд. Заминҳои вақфӣ мувофиқи навиштаи ин шарқшинос, як қисми камро ташкил дода, барои меҳнати музднок истифода ва даромадашон ба муассисаҳо хайр карда мешавад. Аз заминҳои боқимонда ба фоидаи ҳоким андоз (борот) ситонида мешавад [4].

Дар баробари ин, муҳаққиқ ба масоили фарҳанги либосу таоми онҳо таваҷҷуҳ намуда, аз пашму пахта омода шудани либосҳои мардонаву занонаро тасвир кардааст ва доир ба машғулияти занони онҳо – дӯзандагӣ ва унсурҳои гуногуни либос - куртаҳо, шимҳо, халатҳо, либосҳо ва ғ. маълумоти судманд пешниҳод кардааст [4].

Аҳаммияти мақолаи мазкур дар он зоҳир мешавад, ки муаллиф аз муносибатҳои кишоварзӣ, низоми андозбандӣ, либос ва тарзи зиндагии мардуми Яғнобдара маълумоти шоистаи эътимодро манзур месозад. Аммо дар бораи низоми иҷтимоӣ, расму оинҳои динӣ, маориф ва дигар ҷиҳатҳои ҳаёти онҳо аз додани ахбор иҷтиноб меварзад.

А.Л. Кун ба камбизоатӣ ва фақру нодории шадиди мардуми ин минтақа ишора карда, ба идораи садаҳои Яғноб муроҷиат намудани пирон, шогирдони онҳо ва имомхатибонро махсус таъкид менамояд [4].

Робитаҳои иқтисодии берунии яғнобиён ва самтҳои фаъолияти тиҷоратии онҳо аз мадди назари А.Л. Кун дур намонда, дар ин маврд низ ишораҳо менамояд. Чунонки гуфта мешавад, сарфи назар аз наздик будани роҳ ба дигар манотиқи ҷанубӣ, яғнобиҳо бештар бо Ӯротеппа (Истаравашан) алоқаи иқтисодӣ ва равуои бештар доштаанд. Дар зимни рафтуомади худ яғнобиён чарму пашм содирот мекарданд, то ба ашёи рӯзгор ва ё либос иваз намоянд[4].

Мусаллам аст, ки ҳадафи асосии А. Л. Кун аз сафар ба минтақи душворгузар ва дурдасти кӯҳистони Яғноб, илова ба муайян намудани мавқеи ҷуғрофиёии ин дара, ки аҳаммияти илмии ҷолиб, инчунин омӯзишу баррасии забони онҳо буд ва кӯшишҳо ба харҷ дод, то муайян намояд, ки ба кадом оила мансуб будани забони яғнобиро мушаххас созад. Дар суҳбат бо намояндагони ин забон наздикии онҳо ба қавми ориёӣ зикр шудааст.

Маводе, ки доир ба забону фарҳанг ва маданияту тарзи зиндагонии мардуми Яғноб дастрас намуд, ин шарқшиноси ҷавонро қонеъ накард, зеро масъалаи пайдоиши ин халқ аз назари илмӣ барояш басе муҳим буд ва ба ҳамин хотир сардори дастаи ҳарбӣ А. К.Абрамов ба ӯ иҷозат дод, то чаҳор нафар намояндаи яғнобиҳоро[2] ҳамроҳи худ ба Самарқанд барад.

Аз ин амалкард ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки муайян кардани асли забони яғнобӣ ва таърихи мардуми он барои А. Л. Кун печида ва норавшан будааст, ки баҳри бозкушоии ин гиреҳҳо талошҳои пайгирона кардааст. Бо дарназардошти аҳаммияти забони

яғнобӣ ва сарнавишти он таъкид менамояд, ки дар оянда пажӯҳишгарон ба ин масъала таваҷҷуҳи бештар намоянд ва дигар гӯишҳои аз байн рафтаистодаи Осиёи Миёнаро амиқтар омӯзанд.

Дар натиҷаи ин таҳқиқ ба хулосае омадан мумкин аст, ки Александр Людвигович Кун дар нимаи дуюми асри XIX дар таҳқиқ ва омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти мардумони Осиёи Миёна, минҷумла яғнобиён ва маданияти болооби Зарафшон ҳиссаи арзанда гузоштааст. Таҳлилу баррасиҳои ӯ дар бораи ҷанбаҳои этникӣ, фарҳанг, забони бошандагони ин минтақа, сарват ва гуногунии ҷамоаҳои этникӣ, ки дар ин қаламравҳо зиндагӣ мекунанд, дониши моро тавсеа мебахшанд.

Набояд фаромӯш кард, ки аввалин маълумот дар бораи забони яғнобӣ баъди ба Яғноб сафар кардани А.Л.Кун ва мирзои ӯ Абдурраҳмони Мустаҷир ба даст омад. Минбаъд дар бораи ин забон олимони дигар, амсоли Ш.Акимбетов, Е.Ф. Кол, Н.Г.Маллитский, К.Г.Залеман ва дигарон мақолаҳо нашр карданд. Иддае аз ин донишмандон, чун М.С. Андреев, Е.М. Пешерева, С.И. Климчитский, Л.А. Хетагуров, М.Н. Боголюбов ва А.Л.Хромов дар худи Яғноб забони яғнобиро тадқиқ кардаанд. Ба ин минтақа забоншиносони аврупоӣ - Р. Гото ва Г.Юнкер низ сафари омӯзишӣ анҷом дода, доир ба вежагиҳои ин забон андешаронӣ кардаанд. Дар ин радиф номи эроншиноси немис В.Гейгер ва олими Франсия Э.Бенвенистро низ бояд зикр кард, ки онҳо сохти грамматикаи забони яғнобиро тадқиқ намуданд.

Аз таҳқиқотҳое, ки дар ин замина рӯйи кор омад, маълум гардид, ки ин забон аз зумраи забонҳои шарқиэронӣ буда, дар асоси яке аз лаҳҷаҳои забони суғдӣ инкишоф ёфтааст.

Бо эътирофи аҳли тадқиқ қисме аз фонди луғавии он ба лексикаи суғдӣ тааллуқ дорад. Дар ноҳияи дурдасту мушкилгузари водии Яғноб боқӣ мондани ин забони нави суғдӣ дар тадқиқи осори хати суғдӣ таъсри муҳимме расонид [3, с.315-316].

Ин шарқшинос на танҳо маълумотҳои пурқимматеро дар бораи рӯзгор ва расму оинҳои яғнобиҳо ва мардумони болооби Зарафшони гирд оварда, ба низом даровардааст, балки ба мо имкони нодире фароҳам овардааст, ки ба таърих ва рӯзгори онҳо ошноии бештар дошта бошем.

Дар ҷамъбасти гуфтаҳои ин нукта шоистаи зирк аст, ки яке аз ҷанбаи муҳимми таҳқиқоти А. Л. Кун, ки то имрӯз аҳаммияти бузургро молик аст, ин фароҳам овардани маълумот дар бораи яғнобиён ва фарҳанги мардумони болооби Зарафшон мебошад, ки метавонад барои пажӯҳишҳои этнографии муосир заминаи мусоид бошад ва имконияти муқоиса кардани тағйирот ва нигоҳдории анъанаҳоро бо мурури замон фароҳам созад ва динамикаи фарҳанг ва таъсири он ба ҷомеаи муосир беҳтар дарк карда шавад.

Дуруст аст, ки дар солҳои баъдӣ фарҳангу маданият, забон ва урфу одати мардуми Яғноб ва болооби Зарафшон аз ҷониби муҳаққиқони мухталиф ба маърази тадқиқу баррасӣ кашида шуд, вале бояд дар хотир дошт, ки А.Л.Кун бо пажӯҳишҳои бунёдии худ таҳдоби яғнобшиносиро гузошта, сафҳаи наверо дар эроншиносӣ рақам зад.

Дар хотимаи ин мақола, мехоҳем нуктаҳои муҳиммеро, ки дар таҳқиқоти Александр Людвигович Кун муайяншуда ва саҳми назарраси ӯро дар омӯзиши яғнобиён ва фарҳанги болооби Зарафшон дар нимаи дувуми асри XIX баён кунем.

Александр Людвигович Кун бо пажӯҳиш ва ҷамовариҳои таърихии худ дар «Экпедитсияи Искандаркӯл» таъсири мондагоре дар омӯзиши мардумшиносӣ ва забони ягнобиён ва дигар мардумони болооби Зарафшон гузошт. Метавон пажуҳишҳои ӯро аввалин муносибати ҷиддии илмӣ ба ин мавзӯи дар он вақт камомӯхташуда номид. Қайд кардан зарур аст, ки А.Л.Кун яке аз аввалинҳо шуда таҳқиқи мунтазами қавмшиносӣ ва мардумшиносии ин минтақаро пешниҳод кард, ки дониши моро дар бораи ин маданияти нотакрор хеле васеъ мегардонад.

Дар мақолаи мазкур бар моҳияти дақиқ ва равишманди А.Л. Кун таъкид шудааст. Ӯ на танҳо маълумоти пуркимати қавмшиносӣ ва мардумшиносиро гирд овардааст, балки онро дар шакли муназзам ва мантиқӣ пешниҳод кардааст. Таҳқиқот ва пажӯҳишҳои ӯ васеъ буда, аз ҷумла маълумотҳои қавмшиносӣ, тавсифи урфу одат, расму оинҳои динӣ ва, ҳатто, забони яғнобиҳо, ки ин пажӯҳишашро барои таҳқиқоти минбаъда, маводи сарчашмаи ҳатмӣ гардонд.

А. Л. Кун ҳамчунин ба фарҳанг ва суннатҳои яғнобиҳо эҳтироми амиқе нишон дод. Кори ӯ натанҳо таҳқиқоти илмӣ, инчунин аз эҳтиром ва алоқа ба ин мардум буд. Ин ба амиқтар дарк кардани тарзи зиндагӣ ва ҷаҳонбинии онҳо мусоидат кард.

Илова бар ин, ба инкишофи илми мардумшиносӣ ва қавмшиносӣ дар Русияи подшоҳӣ ва берун аз он таъсири муҳимме расонид. Муносибати методологӣ ва усулҳои амалии ӯ барои бисёре аз муҳаққиқоне, ки ба ҳаёти мардумони бумии Осиёи Миёна, аз ҷумала болоби Зарафшонро меомӯзанд, намунаи ибрат шудаанд.

Ниҳоят, таҳқиқоти Александр Людвигович Кун барои муҳаққиқони имрӯза сарчашмаи муҳим буда, инчунин барои дарки амиқтар ва гуногунии анъанаҳои фарҳангии болооби Зарафшон мусоидат мекунад. Ба шарофати заҳматҳои ӯ шинохти ҷаҳониён дар бораи яғнобиён ва фарҳанги онҳо ғанитар шуда ва ин яке аз дастовардҳои муҳими таърихӣ боқӣ мемонад.

## *ТАВЗЕҲОТ:*

1. *Тарзи навиштани номи ӯ дар манобеи таърихӣ мутафовит дида мешавад. Дар байни «Kuhn» ва «Kuh» иваз мешавад. Дар ҳолатҳое, ки ӯ бо хатти румӣ менавишт, ӯ пайваста аз тарҷумаи олмонии он – «Kuhn»-ро истифода мебурд. Мо дар мақолаи мазкур шакли русии он, ки дар матбуоти пешазиқилобии рус ҳангоми нашри мақолоти худ, аз «Кун» истифода намудааст, корбаст менамоем. Мирзои ӯ, А. Мустаҷир бошад, дар «Рӯзномаи сафари Искандаркӯл» ва «Рӯзномаи вистафкаи Маскоб» ӯро ба тахаллуси «Искандартӯра» ёд кардааст ва худи А.Л. Кун ин кунияро дар шумораҳои 3-4 соли 1881 рӯзномаи «Туркестанские ведомости» ҳамчун имзои худ истифода намудааст [11, с. 686; 4; 10, с.1].*
2. *Дар қисмати «Мардумшиносӣ», зери унвони «Намуди халқҳои ҳудуди Туркистон», «Яғнобиҳо, сокинон минтақаи болооби дарёи Яғноб», варақаи 19-и «Туркестанский альбом» акси се нафар: Ғайбуллобой аз деҳаи Марғтумайн, Гадомуҳаммад аз деҳаи Пискон, Хайрулло аз деҳаи Кириионтӣ, тасвир шудааст, ки шояд аз ин се нафар аз чаҳор нафар намояндагони яғнобиҳо бошанд [7, л. 19].*

## *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Абдурраҳмони М. Рӯзномаи сафари Искандаркӯл [Ҳозиркунандагони чоп ва муаллифони муқаддимаву тавзеҳот Аълохон Афсаҳзод ва Мирзо Муллоаҳмадов] [Матн] / Абдураҳмон М. – Душанбе: «Ирфон», 1989. – 176 с.*
2. *Андрианов, Б.В. Архив А.Л. Куна [Матн]/Б.В. Андрианов//Советская этнография. – 1951. – № 4. – С.149-155.*
3. *Ғафуров, Б. Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. Китоби 1, 2. [Матн]/Б. Ғ. Ғафуров – Душанбе: «Нашриёти муосир», 2020. – 976 с.*
4. *Искандер-Тюря [А.Л. Кун]. Сведения о ягнауском народе (К материалам для исследования ягнобского языка) [Матн]/Искандер-Тюря [А.Л. Кун] //Туркестанские ведомости. – 1881. – №3-4.*
5. *Н. М-в[Н. Маев]. Кун, А. Л. (Некролог). [Матн]/ М-в Н. [Маев Н.]. // Туркестанские ведомости. – 1888. – № 46. – С. 182-183.*

6. *Одинаев, А.Н. Александр Людвигович Кун ва нақши ӯ дар таҳқиқи таърих ва фарҳанги тоҷикон дар нимаи дуюми асри XIX [Матн] / А.Н. Одинаев // Муаррих. – 2023. – №. 3(35). – С. 105-119.*
7. *Туркестанский альбом [Манбаи электронӣ]. Сто сорок лет спустя – в цифровом и доступном виде. URL: https://www.fergananews.com/articles/7256#0 (таърихи дастрасӣ: 24.08.2023).*
8. *Искандер-Тюря [А.Л. Кун]. Сведения о ягнауском народе (К материалам для исследования ягнобского языка) [Матн]/Искандер-Тюря [А.Л. Кун] //Туркестанские ведомости. – 1881. – №3-4.*
9. *Ястребова, О.М. Документы XIX века из верховьев реки Зеравшан в Отделе рукописей Российской национальной библиотеки [Матн]/О.М. Ястребова//Восточный сборник. РНБ. - Санкт-Петербург. – 2003. Вып. 6. – С. 77–123.*
10. *Alexander, V.K. The Province of Ferghana, Formerly Khanate of Kokand /V.K. Alexander. – Simla: Government Central Branch Press, 1876. – 34 c.*
11. *Olga Yastrebova & Arezou Azad (2015) Reflections on an Orientalist: Alexander Kuhn (1840–88), the Man and his Legacy, Iranian Studies, 48:5, 675-694, DOI: 10.1080/00210862.2015.1058631*

**REFERENCES:**

1. *Abdurahmoni M. The Plan to the Iskandakul Trip [Editors of introduction and explanation Alokhon Afsahzod and Mirzo Mulloahmadov] [Text] / Abdurahmon M. – Dushanbe: «Irfon», 1989. – 176 pp.*
2. *Andrianov B.V. Archieve A.L., Kuhna [Text]/B.V. Andrianov//Soviet ethnography. – 1951. – № 4. – PP.149-155.*
3. *Gafurov B.G. Tajik People. The Oldest History, Old, meMedium Century and Modern Period. Book 1, 2. [Text]/B. G. Gafurov – Dushanbe: «Modern Publishing House», 2020. – 976 pp.*
4. *Iskander-Ture [A.L. Kun].Information About Yagnob People (to the materials for research of yagnob language) [Text]/Iskander - Ture [A.L. Kun] //Bulletin of Turkestan. – 1881. – №3-4.*
5. *N. M-v[N.Maev]. Kun, A. L. (Nekrolog). [Text]/ M-v N. [Maev N.]. //Bulletin of Turkestan. – 1888. – № 46. – PP. 182-183.*
6. *Odinaev A.N. Alexander Ludvigovich Kuhn and his Role in the Learning of the History and Culture of Tajik People in the second middle of XIX century [Text] / А.Н. Одинаев // The Historian. – 2023. – №. 3(35). – PP. 105-119.*
7. *The Album of Turkestan [Electronic resource]. One Hundred and Forty years ago – in Digital and Available Form. URL: https://www.fergananews.com/articles/7256#0 (date of access: 24.08.2023).*
8. *Iskander-Ture [A.L. Kun]. Information about Yaghnob People (On the materials for research of yaghob language) [Text]/Iskander-Ture [A.L. Kuhn] //Bulletin of Turkestan. – 1881. – №3-4.*
9. *Yastrebova O.M. Documents of XIX century from Upper River of Zeravshan in the Department of the Manuscript of Russian National Library [Text]/O.M. Yastrebova/ Eastern Collection. RNL. Saint-Petersburg. – 2003. Edition 6. – PP. 77–123.*
10. *Alexander, V.K. The Province of Ferghana, Formerly Khanate of Kokand /V.K. Alexander. – Simla: Government Central Branch Press, 1876. – 34 pp.*
11. *Olga Yastrebova and Arezou Azad (2015) Reflections on an Orientalist: Alexander Kuhn (1840–88), the Man and his Legacy, Iranian Studies, 48:5, 675-694, DOI: 10.1080/00210862.2015.1058631*